# ТАҚРИЗИ

Муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:**

Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошанд: ба банди 1. Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ, корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ; ба банди 6. Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот); ба банди 7. Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Мунир Ватан аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», панҷ боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 322 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, 45 расму диаграмма ва 64 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳамаи бахшҳои диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 463 номгӯй мебошад.

***Дар муқаддима*** муҳимияти мавзуи тадқиқот, проблема, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳо баён ёфта, асос ва пойгоҳи назариявӣ-методологии таҳқиқот, заминаи (базаи) корҳои таҷрибавӣ-экспериментали, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия зикр гардида, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгашта пешниҳод шудааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия:**

Мубрамии мавзуи таҳқиқотии Сафарзода Мунир Ватан дар он аст, ки масъалаи таҳқиқнамудаи муаллиф яке аз мавзуъҳои муҳими педагогикаи муосир ба ҳисоб рафта, корҳои дар ин ҷода ба анҷомрасонидашуда дар ислоҳоти ҷомеа ва низоми маориф ҳамчун ҷузъи пешбарандаи он, пеш аз ҳама, сифати нави фаъолияти педагогӣ ва тағйир додани шуури шахсоне, ки

ба ислоҳоти маориф нигоҳи тоза доранд, тақозо мекунад ва ин нуктаро муаллифи диссертатсия низ хеле хуб дарҷ кардааст. Дар шароити нави зудтағйирёбанда нақши таҳсилоти калонсолон дар саросари кишварҳои ҷаҳон нисбати воридшавии таълимгирандагон ба фазои таълиму омӯзиш ва дарки амиқи фаъолнокии равандҳои инноватсионӣ муҳим арзёбӣ мегардад ва ислоҳоти низоми маориф ҳамчун ҷузъи пешбарандаи ҷомеа, пеш аз ҳама, сифати нави фаъолияти педагогӣ ва тағйир додани шуури шахсонеро, ки ба ислоҳоти маориф нигоҳи тоза доранд, тақозо мекунад. Дуруст аст, ки бидуни омӯзгори фаъол ва эҷодкор, ки афзалиятҳои фаъолияти касбӣ ва рушди худро мустақилона муайян карда тавонад, гузариш аз таълими анъанавӣ ба низоми ба хонанда нигаронидашуда ва ба муносибати босалоҳият нигаронидашуда, ғайриимкон аст.

Муаллифи диссертатсия доир ба роҳ мондани таҳлили таҷрибаи оммавӣ ва пешқадами такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, инчунин, таҳқиқоти назариявӣ оид ба ин масъала аз он шаҳодат медиҳад, ки дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон тағйироти назаррас ба амал меояд, ки дар натиҷа мақсад, мазмун, усул ва шаклҳои раванди такмили ихтисос тағйир меёбад. Дар робита бо ин, муҳаққиқ бо дарназардошти зарурати ба вуҷуд овардани шаклу усулҳои нави таълими калонсолон фаъолияти низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифро дар иртибот бо рушди андрагогика нишон дода, роҳу усулҳои нави ҳалли ин масъаларо пешниҳод мекунад.

Вобаста ба таҳлили таърихи ташаккул ва инкишофи таълими инсон омӯзиш бояд пайваста ва муттасил сурат гирад ва андрагогика ҳамчун як қисми илми педагогикаи муосир ба ин мақсад нигаронида шуда, масъалаҳои назариявию амалии таълим, омӯзиш ва тарбияи насли калонсолро дар тӯли тамоми умр дар бар мегирад. Ба қавли муаллифи диссертатсия, андрагогикаро ба маънои васеаш ҳамчун илми худшиносии шахсии инсон дар тамоми умр фаҳмидан мумкин аст ва одатан, қисме аз одамон дар синни ҷавонӣ дониши васеъ гирифта, қисмати дигар тадриҷан, давра ба давра дар давоми умри худ дониш, таҷриба, малака ва салоҳият ба даст меоранд. Барои рушди шахсият, пайдо кардани мавқеи шахс дар ҳаёт ва дарк намудани дониш ва иттилооти зеҳнии шахс андрагогика ҳамчун илм ёрӣ расонида, мавқеи ӯро дар ҷомеа пайдо мекунад.

Унвонҷӯ дуруст иброз намудааст, ки вазифаи асосии андрагогика мувофиқи маънои аслиаш роҳнамоии калонсолон буда, барои рушди ҳамаҷонибаи маърифатӣ-зеҳнии онҳо роҳ мекушояд ва аз ҳамин хотир, солҳои охир дар соҳаи таълими калонсолон ҳамчун талаботи нави таҳсилот ташаккул ёфта, илми нави андрагогикаро ба миён овард, ки имрӯз босуръат рушду нумӯъ карда истодааст. Вобаста ба ин, асосҳои андрагогӣ ва усулҳои

технологии таълими калонсолон дар марҳилаи таҳаввул ва ташаккул қарор дошта, дар тамоми самтҳои соҳаи маориф таъсири мусбӣ мерасонад. Мувофиқи ақидаи довталаб, андрагогика пайдоиши низоми ҳамоҳангшудаи илмӣ ва мақоми ниҳоии худро ҳамчун яке аз илмҳои мустақили таълимӣ ҳанӯз ба пуррагӣ касб накарда, асосҳои назариявӣ ва илмӣ-методологии он натанҳо дар ҷумҳурии мо, балки дар кишварҳои хориҷ низ ҳануз мавриди омӯзиш ва таҳқиқи васеъ қарор наёфтааст ва аз ин лиҳоз, гузориши мантиқии масъала ва таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ-назариявии он муҳим ва мубрам будани мавзуи диссертатсияи довталабро тақозо мекунад.

Раванди ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар аз тамоми кормандони соҳа дарки баланди масъулиятшиносӣ ва таваҷҷӯҳи бештар додан ба масъалаҳои муҳими таълим ва омӯзиш, ки дар шахс қобилияту малакаҳои коммуникативӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, таҳлил ва хулосабарориро ташаккул медиҳанд, талаб мекунад. Барои рушди ин малакаҳои ҳаётӣ банақшагирии дурусти ҷараён ва баргузории омӯзиши калонсолон дар муассисаҳои такмили тахассуси кормандони соҳаи маориф мусоидат мекунанд.

Бо иброз доштани андешаҳои мазкур мехоҳем қайд намоем, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб – «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шароити кунунӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Аҳамияти назариявию амалии мавзуъ бо дарназардошти талаботи замон ба рушди касбии кадрҳои педагогии кишвар мусоидат намуда, боиси боло рафтани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар мегарданд.

Вобаста ба ин, таҳқиқоти мавриди баррасӣ қарордоштаро мубрам, саривақтӣ ва мувофиқ ба талаботи кунунии таҳсилот ҳисобида, зарур будани онро барои такмили тахассуси омӯзгорон махсус қайд намоем.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан тамоми ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои таҳқиқшавандаро фаро гирифта, вазифаҳо ва фарзияҳои илмии диссертатсия тасдиқи худро ёфтаанд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва озмоишии дар диссертатсия бадастовардаи муаллиф собит месозанд, ки довталаб ба вазифаҳои гузошташудаи диссертатсия ноил гаштааст. Фаъолиятҳои анҷомдодаи муаллифи диссертатсия бозгӯи дар амал тасдиқ шудани фарзияҳои пешниҳоднамуда буда, дар умум исботи ба мақсади гузошташуда расидани ӯ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар асоси таҳлили назарияҳои илман асосёфтаи мутахассисони ин соҳа ва вазъи кунунии таълиму тарбия дар самти омӯзиши калонсолон таҳия гаштаанд. Таҳлили натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои методии бадастовардаи муаллиф собит месозанд, ки аз ҷониби ӯ корҳои зерин ба анҷом расонида шудаанд: аввалин маротиба дар низоми соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти проблемаи асосҳои андрагогии таълим гузаронида шудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқро барои рушди минбаъдаи таҳқиқот дар соҳаи таълими калонсолон истифода бурдан мумкин аст; давраҳои рушди таълими андрагогии калонсолон муайян карда шуда, сохтори хронологии он таҳия гардидааст; заминаи назариявӣ оид ба ташкили амалии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва андрагогика муайян карда шудааст; механизми омода кардани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ дар низоми такмили ихтисос ва азнавтайёркунии ҳайати педагогӣ коркард карда шудааст; амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог асоснок карда шуда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятмандии педагогии ӯ муайян карда шудааст, ки ин усули фаъолияти андрагог аз салоҳияти анъанавии омӯзгор-педагог фарқ мекунад; методология, назария ва самтҳое, ки нақши таҳсилоти ғайрирасмиро дар низоми такмили ихтисос тавсиф мекунанд, муайян карда шудааст; дар асоси таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ консепсияҳои назариявии фазои консептуалии таълими ғайрирасмии кадрҳои педагогӣ мураттаб карда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ҳамбастагӣ бо навгониҳои илмии диссертатсия, дар асоси ақидаю назарияҳои бунёдӣ ва хулосаҳое, ки дар шакли таҷриба санҷида шудааст, монография, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия гардидааст, ки онҳоро дар амалияи педагогӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари ин, дар корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан масъалаҳои ташаккули малакаю маҳорат ва сифати андрагог-омӯзгор ҳаллу фасли худро ёфтаанд, масалан:

- қайд гардидааст, ки сохтори хронологии андрагогика ҳамчун илм дар бораи таҳсили калонсолон, ки дар байни илмҳои марбут ба таълим нисбатан нав буда, ба ҳадафҳои таълиму тарбияи калонсолон нигаронида шудааст;

- шарҳ дода шудааст, ки давраҳои ташаккули андрагогика ҳамчун илми мустақил, моҳият, фарқият ва умумияти илмҳои мухталиф дар бораи

инсон (фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология) ва маориф (педагогика, иқтисод, фалсафаи таълим, сотсиологияи таълим) мебошанд;

- нишон дода шудааст, ки барои андрагогика ҳафт мавқеи оғоз вуҷуд дорад:

1) хонандагони калонсол ба мустақилият, худидоракунӣ мекӯшанд ва худро чунин эътироф мекунанд;

2) таҷрибаи ҳаётӣ доранд, ки он ҳамчун манбаи муҳими таълим истифода мешавад;

3) барои ҳалли мушкилоти муҳими ҳаётӣ омӯзонида шудаанд;

4) ба истифодаи мустақими малакаҳо, донишҳо ва сифатҳои ҳосилшуда такя мекунанд;

5) фаъолияти таълимӣ тавассути омилҳои муваққатӣ, фазоӣ, дохилӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ роҳандозӣ мегардад;

6) дар раванди таълим нақши роҳбарикунанда доранд;

7) раванди таълим дар шакли фаъолияти муштараки хонандагон ва педагогҳо дар ҳама марҳилаҳои омӯзиш таъмин мегардад.

- танзими ташкили фаъолияти омӯзандаи калонсол ва мураббиро барои ҷорӣ намудани таълим аз рӯйи панҷ хусусияти асосӣ гурӯҳбандӣ карда, қайд кардааст, ки ин амсила аз амсилаи педагогии таълим фарқиятҳои худро дорад:

- худогоҳии хонанда;
- таҷрибаи хонанда;
- ҳавасмандӣ ва ҳадафҳои таълими хонандаи калонсол;
- истифодаи донишҳои азхудкардаи хонанда;
- малакаҳо ва сифатҳо;
- иштирок дар ташкили раванди таълим.

- амсилаи таълими калонсолон ба принсипҳои асосии андрагогии таълим, ки ба таври мухтасар ифода шудаанд, ба афзалияти фаъолияти мустақилонаи калонсолон, фаъолияти муштараки онҳо ва педагог, вобастагӣ аз таҷрибаи хонанда, фардикунонӣ, низомӣ, контекстуалӣ, интихобӣ, воқифии маърифатӣ, таҷдиди натиҷаҳои омӯзиш ва рушди эҳтиёҷоти таълимӣ асос ёфтааст;

- шарҳи масъалаи методологияи таълими калонсолон ҳамчун низоми аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи амалҳои хонандагони калонсол ва педагогҳо, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои таълимӣ кӯмак мерасонад, дода шудааст ва он ба ақидаи муаллиф дар амалия аз ҷониби хонандагони калонсол ва педагогҳо (андрагогҳо) дар шакли амалиёти муайян, амалҳо ва вазифаҳои техникӣ дар ҳар яке аз шаш марҳилаи ҷараёни таълим иҷро карда мешавад

ва ин низоми амалҳо ва вазифаҳои хонандагону педагогҳо аз амсилаи педагогии таълими анъанавӣ фарқ мекунад;

- коркард ва пешниҳоди амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, тамоюлоти арзиши педагогии ӯ дар ҷараёни такмили тахассуси омӯзгорон;

- тавсифи масъалаи технологияи омодасозии омӯзгор-андрагоги салоҳиятнок, ки ба коркарди механизми баландбардории малакаҳо, дониш ва сифатҳои касбии омӯзгорон мусоидат менамояд.

Аз ҷониби довталаб нуктаҳои илмии зерин ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки моҳият, мундариҷа ва мӯҳтавои кори диссертатсиониро инъикос намуда, натиҷаҳои бадастомадаро баррасӣ мекунанд. Нуктаҳои илмии диссертатсия масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд: шарҳи васеи мафҳуми таҳсилоти ғайрирасмӣ ва дар ин замина ошкор кардани ақидаҳое, ки бахри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти ғайрирасмӣ муайян карда шуда, ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ гарданд; ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар таълими калонсолон ва таҳсилоти ғайрирасмӣ муайян гардидааст; шарҳу тавзеҳ ёфтани асоснокии методологияи калидии истифода шудани назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии таҳсилоти ғайрирасмӣ, ки тибқи он таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ муқаррар шудааст; таҳлилу баррасии ҷузъҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ ва муайян кардани смаранокии он дар раванди ба роҳ мондани омӯзиши калонсолон-омӯзгорон; ҳамчун асос ба назар гирифтан ва пешниҳод кардани роҳҳои таҷзияи се гурӯҳи принсипҳо ва имкони онҳо дар ба назар гирифтани ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва ҳам дидактикии омӯзиш барои дониши нави назариявии таҳсилоти ғайрирасмӣ; таҳлил ва баррасӣ намудани ҷузъҳои назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дар заминаи антропологияи фалсафӣ ва пешниҳоди муфассали масъала; таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор додани муносибатҳои методологӣ, қонуниятҳо, омилҳо, тамоюлҳо, самтҳо ва масъалаҳои марбут ба таълими ғайрирасмӣ ва мавриди омӯзиш қарор додани он; асоснок кардан ва нишон додани ҷанбаи дидактикии таҳсилоти ғайрирасмии аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида ва таъсири он ба интихоби усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои ташкили ҷараёни таълими педагогон.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Сафарзода Мунир Ватан дар диссертатсия адабиёти илмии соҳаи методика, педагогика ва психологияро мавриди таҳқиқ қарор дода, моҳияти онҳоро дар соҳаи андрагогика ва механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ зимни ба роҳ мондани корҳои таҷрибавию озмоишӣ асоснок кардааст.

Ҷиҳати арзишманди таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Мунир дар он аст, ки ӯ дар рисола масъалаи ташаккули малакаҳои андрагогӣ ва механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ, таҳияи технологияи амалигардонии андрагогика дар низоми такмили тахассус, муайян кардани муқаррароти ибтидоии муносибатҳои методологӣ ба таълими калонсолон, таҳияи дастгоҳи консептуалии андрагогика, таҳияи муқаррароти асосии технологияи таълими калонсолон, таҳияи талаботи асосӣ ба салоҳияти андрагог ва мундариҷаи таълими устоди андрагог ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимони варзидаи ватанӣ омӯхта, барои исботи андешаҳои худ фикру мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст ва онҳоро ҳаматарафа таҳлил ва коркард намудааст.

Муаллиф натиҷаҳои пажӯҳиши илмиро чунин арзёбӣ кардааст: асосноксозии назариявӣ ва методологии ғояҳо ва пешниҳодҳо; истифодаи низоми муносибатҳои методологӣ оид ба рушди назарияи таълими ғайрирасмӣ; истифодаи маҷмӯи усулҳои иловагии таҳқиқотии мувофиқ ба ҳадаф, гипотеза, вазифа ва роҳҳои ҳалли мушкилот; асоснокӣ ва заминаҳои озмоишӣ; гуногунии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибавӣ; муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи васеи такмили ихтисос дар низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, маълумоте, ки дар таҳқиқоти қаблӣ ба даст омада буд; озмоиши васеъ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомада дар амалияи педагогӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон.

Муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар интишороти зиёди расонаҳои соҳавӣ, дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро ба таври равшан исбот месозад.

Муаллифи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқоти худ, ҳадафу вазифаҳо, предмет ва мантиқи таҳқиқотро дар асоси таҳлили манбаҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, методологияи илмӣ, истифодаи моҳиронаи методҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибаи шахсӣ таҳия ва баррасӣ намудааст, ки арзиши баланди илмӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои пажӯҳиши илмии довталабро метавон чунин арзёбӣ кард:

- асосноксозии назариявӣ ва методологии ғояҳо ва пешниҳодҳо;

- истифодаи низоми муносибатҳои методологӣ оид ба рушди назарияи таълими ғайрирасмӣ;

- истифодаи маҷмӯи усулҳои иловагии таҳқиқотии мувофиқ ба ҳадаф, гипотеза, вазифа ва роҳҳои ҳалли мушкилот;

- асоснокӣ ва заминаҳои озмоишии таҳқиқоти диисертатсионӣ;

- гуногунии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибавӣ;

- муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи васеи такмили ихтисос дар низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, маълумоте, ки дар таҳқиқоти қаблӣ ба даст омада буд;

- озмоиши васеъ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомада дар амалияи педагогӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон.

Сафарзода Мунир Ватан корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии худро дар базаи марказҳои таълими калонсолон, филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаҳои Кулоб ва Бохтари вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (иштирокчиёни таҳқиқот омӯзгорони фанҳои гуногун, роҳбарони хадамоти методӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, андрагогҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо фарогирии умумии зиёда аз 1800 нафар пурсидашудагон) гузаронида, натиҷаҳои онро дар семинарҳои илмию амалӣ ва методии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихстисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб, ҷаласаҳои кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими филиали мазкур ва дар конфронсҳои ҳамасолаи илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди муҳокима қарор додааст. Бо ин муҳаққиқ имкон ба даст овардааст, ки натиҷаҳоро на барои як минтақа, балки барои низоми такмили ихтисос дар қисми зиёди қаламрави кишвар муайян намояд.

Тасдиқи мазмуну мӯҳтавои рисола ва натиҷаҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб ба амал бароварда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Натиҷаҳои таҳқиқот аз арзиши илмӣ, амалӣ ва навгонии илмии таҳқиқот бар меояд, ки муаллиф дар ин бора корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Нуктаҳои қайднамудаи ӯ фарогири ҷанбаҳои гуногуни

ташаккули фаъолияти андрагог-омӯзгор буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- васеъ гардидани мафҳуми таҳсилоти ғайрирасмӣ, ошкор кардани таҳаввулоти ғояҳое, ки баҳри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти ғайрирасмӣ муайян карда шуда, бо такя ба назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ гарданд;

- пешниҳод кардани назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун ҳамоҳангсози ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар таълими калонсолон пешбинӣ шудааст;

- ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дониста шудани таҳсилоти ғайрирасмӣ, ки дар он назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират ба сифати методологияи калидӣ тавсиф шуда, он барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии таҳсилоти ғайрирасмӣ асоснок карда шудааст;

- муайян ва мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани ҷузъҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ (робита, мақсад, мавзуи муошират, эҳтиёҷот ба муошират, ҳавасмандии коммуникативӣ, фаъолияти коммуникатсионӣ, вазифаҳои коммуникатсионӣ, воситаҳои алоқа, воситаҳои коммуникатсионӣ);

- нишон додани моҳияти се гурӯҳи принсипҳо (андрагогӣ, эвтагологӣ, принсипҳои таҳсилоти инноватсионии муттасил) ва ҳамчун асос ба назар гирифтани ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва дидактикии омӯзиш барои ба даст овардани дониши нави назариявии таҳсилоти ғайриасмӣ;

- мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додани ҷузъҳои назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дар заминаи антропологияи фалсафӣ муносибатҳои методологӣ, қонуниятҳо, омилҳо, тамоюлҳо, самтҳо ва масъалаҳои марбут ба таълими мазкур;

- аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ҷанбаи дидактикии таҳсилоти ғайрирасмӣ ва нишон додани таъсири он ба интихоби усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои ташкили ҷараёни таълими педагогон.

Натиҷаҳо, роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи аз тарафи муаллиф пешниҳодгардида метавонанд дар раванди ба роҳ мондани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, баланд бардоштани сатҳу сифати касбии онҳо дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд ва тавсияҳои методии таҳияшуда дар такмили раванди курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти ба роҳ мондани таълими калонсолон-омӯзгорон мусоидат кунанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд мавриди омӯзиш ва таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология

ва методикаи таълими Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гиранд ва онҳоро ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши иштирокчиёни курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода баранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Натиҷаҳои таҳқиқоти Сафарзода М.В. дар 61 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7 номгӯй монографияҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методӣ, 54 номгӯй мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, аз ҷумла, 30 номгӯй дар алоҳидагӣ ва 24 номгӯи боқимонда мақолаҳои дар дигар нашрияҳо, маводи конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ, инчунин конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ дар нашрияҳои шомили Пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru бачопрасида ташкил медиҳанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Диссертатсия ва автореферати Сафарзода Мунир Ватан ба тартиби таҳия ва талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия ба таври мухтасар мазмуни диссертатсияро ифода карда, доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқро пайдо мекунад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, асоснокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса, муқаррароти таҳқиқоти озмоишӣ ва тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалу диаграммаҳо таъмин шудааст.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмои тоҷикӣ, тибқи муқаррароти Дастурамал, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, пайдарҳамии мантиқӣ ва мутасилии он ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Масъалаҳои баррасишаванда ба таври равшану возеҳ оид ба ҳар як боби диссертатсия дар алоҳидагӣ ва диссертатсия дар умум хулоса карда шудааст.

**Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд ва дастовардҳои илмию амалие, ки дар боло қайд шуданд, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо холӣ нест. Фикр мекунем, қайд кардани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия мадад хоҳад расонд:

1. Муаллиф дар диссертатсия масъалаи ба роҳ мондани таълими калонсолонро дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон дода, оид ба такмили ихтисоси марказҳои таълими калонсолон, ки дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ амал мекунанд, маълумоти кофӣ пешниҳод накардааст. Барои боз ҳам мақоми баландтар пайдо кардани диссертатсия хуб мешуд, агар муаллиф масъалаи таълими калонсолонро дар марказҳои таълими калонсолон низ ба таври муфассал дида мебаромад.

2. Дар диссертатсия ҳангоми баррасии раванди корҳои таҳқиқотӣ, озмоишӣ ва тавсияҳои методӣ масъалаи ба таври мушаххас истифода бурдани методу усулҳои интерактивӣ (инро муносибати босалоҳият талаб мекунад) дар таълими калонсолон, зимни ба роҳ мондани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон нишон дода нашудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф дар диссертатсияи худ намунаи бевоситаи истифодаи методу усулҳои муосири таълимро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон нишон медод ва ин барои кормандони муассисаҳои такмили ихтисос ҳамчун роҳнамо хизмат мекард.

3. Мувофиқи мақсад мебуд, агар диссертант доир ба муҳаққиқони тоҷик, ки дар соҳаи илми андрогогика таҳқиқот бурдаанд, маълумоти кофӣ медод.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд аст, киислоҳи онҳо сифати корро хубтар мекунад.

Албатта, ин камбудиҳо ва норасогиҳо арзиши диссертатсияро кам намекунанд.

## ХУЛОСА

Довталаб ба мақсадҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ба пуррагӣ ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст. Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забони олмонии
Донишгоҳи давдатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич

**Маълумот барои тамос:**
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел.+992 907 904 250;

Почтаи электронӣ: sayfi.ddot@mail.ru

06.11.2025

*Имзои Х.Г.Сайфуллаевро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ-и ДДОТ*
*ба номи Садриддин Айнӣ* ________________ *С.Қодирзода*